«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.

«06» апрели 2020 с.

**Хулосаи**

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Рисола дар мавзӯи “Таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ” (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои рисолаи илмӣ Холов Рустам Шермаҳмадович унвонҷӯи кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Холов Рустам Шермаҳмадович аз соли 2012 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.12.00 “Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор ” дохил шуд.

Имтиҳони номзадӣ пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шуд.

Роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоев Сайалӣ Сайвалиевич мебошад. Мавзӯи рисолаи илмии Холов Рустам Шермаҳмадович дар ҷаласаи якҷояи кафедраи омор, баҳисобгирии муҳосибӣ аз 04 апрели соли 2020 суратҷаласаи № 4/2 муҳокима гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи “Таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ” (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) чунин хулоса бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои рисола:**

**1.** Рисолаи илмии Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи “Таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ” (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ниҳоят муҳим ва рӯзмарра буда, дар сатҳи илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз лиҳози иқтисодӣ–оморӣ асоснок кардани

мафҳум ва моҳияти сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, омӯзиш ва коркарди нишондиҳандаҳои асосии он, дар ин замина таҳияи пешниҳодоти илман асосноккардашуда ва тавсияҳои амалӣ барои беҳдошти сиёсати монетарии кишвар ва рушди иқтисодиёт мебошад, ки пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст.**

Рисолаи илмӣ натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми омори молия ва омори бонкӣ мегузоранд, ба муаллифи рисола дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда**. Дар диссертатсия ба мақсади таҳлили сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ аз усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ (адетивӣ ва мултипикативӣ), усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, усулҳои баҳодиҳии омории тафовут дар сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, усулҳои омории корелиатсионӣ, индекси мавсимӣ ва барномаҳои муосири омории коркард ва таҳлили маълумотҳо, ба монанди SPSS, Excel истифода шудаанд.

4. **Навигариҳои илмии таҳқиқот.**

- дар асоси таҳлилҳои назариявӣ шарҳи муаллифии истилоҳи монетизатсия ва монетаризатсия (фарқ байни ду истилоҳ) таҳия гардида, муайян карда шуд, ки мафҳуми монетизатсиякунонии иқтисодиёт раванди махсусест, ки устувории рушди иқтисодиёти кишварро муаррифӣ менамояд.
- таҳияи системаи нишондиҳандаҳои монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ, ки ба заминаҳои қатъии назариявӣ ва методологӣ асоснок кунонида шудааст, талаботи асосиро аз рӯи низоми идоракунии уфуқӣ (горизонталӣ) ва амудӣ (вертикалӣ) қонеъ гардонида, сарҳадҳои истифодабариро дорад;
- ошкор карда шудааст, ки барои таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт бо манбаъҳои иттилоотии ҳуҷҷатӣ (ҳисоботҳои оморӣ) нокифоя таъмин карда шудаанд, ё чунин манбаъҳои иттилоотӣ тамоман вуҷуд надоранд. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки барои таҳлили нишондиҳандаҳо ва ташаккул додани ҳисоби модели адетивӣ ва мултипикативӣ ва индекси мавсимӣ, ки бо ёрии

истифодаи он маълумотҳо доир ба танзим ва риояи баробарии аз ҷониби олимони классикии иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст, давра ба давра назорат ва барои таъсирбахшӣ барои сатҳи устувори монетизатсиякунонии кишвар мусоидат хоҳад кард;

- барои ошкор намудани алоқамандии байни нишондиҳандаҳои алоҳида ва муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба сатҳ ва тавсифии таъмини иқтисодиёт бо пул (монетизатсия) модели иқтисодӣ-оморӣ бо назардошти таъсиррасонии чунин омилҳо: қарзҳои додашуда, пасандозҳои ҷалбшуда,таҳия гардидааст;
- дар асоси маълумотҳои ҷамъоваришуда ду намуди моделҳои мавсимӣ (аддетивӣ ва мултипикативӣ) индекси аналитикӣ–индекси мавсимӣ ҳисоб карда шуда, бо шкалаи махсус баҳо дода мешаванд, ки натиҷаи онҳо доир ба вазъи кунунии сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ ва дурнамои он пешниҳод карда шудааст.

**5. Мутобиқати навгониҳо ба ихтисоси интихобгардида.** Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талаботи шаҳодатномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.12– Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор мутобиқат мекунад.

**I. РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲО АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:**

А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Омӯзиши омории қобилияти харидории пули миллӣ. // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ) Душанбе- 2018. №2(4) 0,25ҷ.ч.

**2.** Истифодаи модели оморӣ дар динамикаи ҳаҷми пули миллӣ. //Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ) Душанбе 2018. №3(4) 0,25ҷ.ч.

**3.** Таҳлили сохтории таъсири омилҳо ба сатҳ ва динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт. //Паёми ДДМИТ (маҷаллаи илмӣ) Душанбе- 2020. №2(5) 0,25ҷ.ч.

Б) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

1. Бюджетные трансферты и их роль в выравнении уровня социально-экономического развия региона. //Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба соли ҷавонон ва 20- солгарди вахдати миллӣ
2. Таҳлили сохтории динамикаи нишондиҳандаҳои сандуқи қарзӣ. //Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои мубрами ҳисобдорӣ, таҳлил, аудит ва омор дар ҶТ» ДМИТ ш. Душанбе -2017

3. Омӯзиши омории қобилияти харидории пули миллӣ дар асоси методи андозагирии И.Фишер. // Паёми ДМИТ (маҷаллаи илмӣ) Душанбе -2017. №1(9)
4. Макроэкономическая оценка влияния налоговых поступлений на динамику экономического роста. // Вестник Финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал) (ISSN-2408-929X) №2(10), Душанбе: «ФЭИТ»- 2017.
5. “Таджикистан: Финансово-экономические аспекты национальной стратегии”. Образавание и наука в России и за рубежом. Выпуск №6 (2019) Vol.54.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи унвонҷӯ Холов Р.Ш. дар мавзӯи “Таҳлили иқтисоди омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор бо назардошти ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраи омор ва баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 04 апрели соли 2020 суратҷаласаи № 4/2 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи омор** **М. Буриева**

**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ** **С. Султонова**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Раҷабов Б.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ